# 247649 - Ҳамсари падаркалон аз ҷумлаи маҳрамҳост

**савол**

Падаркалони модариам ду зан дорад, оё зани дуюм, оне ки модари модарам нест, бароям ҷоиз аст, ки ӯро бубинам?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳамсари падаркалон аз ҷумлаи маҳрамҳост, аз ин рӯ, бароят ҷоиз аст, ки ӯро бубинӣ, бо ӯ мусофаҳа (бо даст салом) бикунӣ, бо ӯ танҳо бимонӣ ва бо ӯ сафар намоӣ.

Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:

"Ҳамсари падаркалон маҳрам мебошад, хоҳ падаркалон аз тарафи модар бошад ва ё аз тарафи падар, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

(وَلَا تَنكِحُواْ مَا نَكَحَ آبَاؤُكُم مِّنَ النِّسَاءِ) (سورة النساء: ٢٢).

**«Ва бо заноне, ки падаронатон (бо онҳо) издивоҷ кардаанд, издивоҷ накунед».** (Сураи Нисо: 22).

Ин падарон ва падарбузургонро аз ҳарду тараф, аз тарафи модар ва аз тарафи падар дарбар мегирад. Ҳамсари падаркалон барои ӯ маҳрам мебошад, аз ин рӯ, метавонад бо ӯ сафар намояд ва бо ӯ танҳо бимонад, ҳеҷ боке дар он нест". Поёни сухан аз "Сомонаи Шайх Ибни Боз".

http://www.binbaz.org.sa/noor/3470

Аллоҳ таъоло донотар аст.